# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи унвонҷӯ Имамбердиева Саломат Менгликуловна дар мавзуйи ««Ономастикаи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ**

Имамбердиева Саломат Менгликуловна унвонҷӯйи кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон буда, аз соли 2017 ба таҳқиқу баррасии сохторию маъноии ономастикаи асари тарҷумаиҳолии «Ёддоштҳо»-и устод С.Айнӣ машғул аст.

Имамбердиева Саломат Менгликуловна дар тули фаъолияти унвонҷӯйии худ доир ба кори диссертатсионияш маводи заруриро гирдоварӣ намуда, таснифот гузаронида, дар асоси нақшаи таҳиянамуда онҳоро таҳлилу баррасӣ кардааст. Ҳамчунин, доир ба мавзуи кори диссертатсионӣ асарҳои зиёди илмии забоншиносони тоҷик ва забоншиносони хориҷиро хонда, аз назарияҳои лингвистии муҳаққиқони зиёде баҳрабардорӣ кардааст. Натиҷаи кори таҳқиқотии С. М. Имамбердиева дар мақолаҳои чопнамуда ва маърузаҳояш дар конференсияҳои сатҳҳои гуногун инъикос ёфтааст.

Омӯзишу таҳлил ва таҳқиқи назариявию амалии ономастикаи асари тарҷумаиҳолии «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ барои муайян кардани доираи корбурди вожагони мутааллиқи антропониму топонимҳои асари мазкур ва баррасӣ намудани маводи ономастикии асар аз нигоҳи мавзуъ, вижагиҳои маъноию луғавӣ, сохторӣ ва мансубияти забонӣ тасниф ва таҳқиқу таҳлил равона гардида, ин мақсад бо иҷрои вазифаҳои гуногун робитаи зич дорад. Баррасӣ ва муайян кардани ҷанбаҳои гуногуни маъноӣ, услубӣ, мавқеи вожаҳои ономастикӣ дар асар, вижагиҳои услубии онҳо ва сохтории калимаҳои марбути ҷойномҳо ҳадаф ва вазифаи асосии таҳқиқоти С. М. Имамбердиеваро ташкил додааст. Муҳаққиқ тамоми маводи гирдовардаашро дар се боб мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Дар раванди таҳқиқ ва таҳлилу баррасии маводи назариявию амалии кори диссертатсионӣ муаллиф худро ба ҳайси муҳаққиқи боистеъдод, боандеша, тозакор, эҳтиром гузоштан ба арзишҳои илмию таҳқиқотии муҳаққиқони забоншинос, хосатан номшинос ва ба ҳайси пажӯҳишгари боистеъдод муаррифӣ кардааст. С. М. Имамбердиева дар муайян кардани мақсаду вазифа, ба таври жарф дарк кардан, фаҳмидани натиҷаҳои ба даст омада ва муайян кардани методҳои зарурии таҳқиқот маҳорати баланди илмӣ нишон додааст.

Муҳаққиқ дар истифодаи методҳои гуногуни таҳқиқотӣ ва таҳлили маводи ономастикӣ истеъдоди хуби пажӯҳишгарии худро зоҳир кардааст.

Хулосаи кори диссертатсионии мазкур натиҷаҳои кори таҳқиқотии муаллифро дар бар гирифтааст.

Мақолаҳои чопнамудаи муҳаққиқ фарогири мазмуни асосии диссертатсия буда, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Автореферати диссертатсия (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) мазмун ва мухтавои асосии ин таҳқиқотро инъикос менамояд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Имамбердиева С.М. дар мавзуйи «Ономастикаи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ»-ро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ барои ҳимоя тавсия менамоям.

**Роҳбари илмӣ,**
**доктори илмҳои филология,**
**профессори кафедраи таърихи**
**забон ва типологияи ДМТ** **Ҳомидов Дилмурод Раҷабович**

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
**Тел.:** 907 79 82 65, **e-mail:** homidov65@mail.ru

**«Имзои профессори ДМТ Д. Р. Ҳомидовро тасдиқ мекунам»**

**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.**

03 11 2022

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ